# ХУЛОСАИ
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Парвандаи аттестатсионии № 31**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 21. 09. 2024, № 31.3**

Барои сазовор донистани Якубова Эхтибор Негматуллоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Диссертатсия дар мавзуи «Инфрасохтори иҷтимоии минтақа дар низоми рушди иқтисодиёти вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя 1 июли соли 2024 қабул карда шудааст, протоколи № 31.2 шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр-ни 17, бинои 1), ки бо фармоиши Раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.05.2024, №168/шд таъсис ёфтааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Якубова Эхтибор Негматуллоевна, санаи таваллуд 8 апрели соли 1993, соли 2015 Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимиро хатм намудааст, дар вазифаи муаллими кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ризозода Тӯра Раббим, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Амонова Дилбар Субҳоновна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

**Гадайбаева Шахина Ҷафаровна,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудити Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе). Дар хулосаи мусбати муассиса, ки аз тарафи раиси маҷлис - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ Комилзода А.Қ., котиби маҷлис - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедра Юсупов С.А., эксперт - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедра Саидова Ҳ. М. ба имзо расонида шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, қайд шудааст, ки кори диссертатсионӣ таҳқиқоти мустақилона ва бааньҷомрасонида мебошад, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад ва муаллифи он Якубова Эхтибор Негматуллоевна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи кори диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

1. Якубова Э.Н. Равияи методика барои баҳогузории мустаҳкамкунии инфрасохтори иҷтимоӣ минтақа [Матн] / Э.Н.Якубова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - 2021.- №4(59). - С.147-152. ISSN 2077-4974
2. Якубова Э.Н. Моҳият ва нақши инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа [Матн] / Э.Н.Якубова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - 2022. - №1(60). - С.139-143. ISSN 2077-4974
3. Якубова Э.Н. Маориф узви асосии инфрасохтори иҷтимоӣ: ташхис ва омилҳои инкишоф [Матн] / Э.Н.Якубова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. - №5. - С.164-170. ISSN 2413 – 5151
4. Якубова Э.Н. Оид ба масъалаҳои рушди соҳаи тандурустӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон [Матн] / Т.Р. Ризоқулов, Э.Н.Якубова // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2023. - № 3. - С.215-221. ISSN 2310-3957

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Самандарзода И.Ҳ.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо эродҳои зерин: 1) Дар ҷадвали 1, ки дар автореферат оварда шудааст, таснифи инфрасохтор ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ гардидааст, вале он таҳлили пурраи худро наёфтааст. 2) Дар автореферат баъзе андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ тавзеҳ дода нашудааст.

2. **Саидов М.К.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Муаллиф пешниҳоди ҷолиберо дар асоси натиҷаҳои ҳисобу китоби шохиси шароити мусоид барои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд манзур сохтааст, ки қобили қабул мебошад. Агар муаллиф шарҳи онро ба таври пурра ва мушаххас нишон медод, мудариҷаи кор ғанитар мегардид. 2) Баъзе андешаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ доранд, хуб мешуд,агар онҳо бо мисолҳо мушаххас карда мешуданд.

3. **Бақоев Ш.С.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо эродҳои зерин: 1) Агар мафҳуми “инфрасохтори иҷтимоӣ”, ки аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ пешниҳод гардидааст, ба таври васеъ таҳлил мегардид, илмияти мундариҷаи автореферат боз ҳам мустаҳкамтар мешуд; 2) Таҳлили индикаторҳои рушди инфрасохтори фарҳангӣ ва варзишӣ дар минтақаи Суғд дар автореферат нокифоя инъикос гардидааст.

4. **Шарифзода Б.М.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Дар қисмати назариявии автореферат консепсияи умумии иҷтимоии минтақа, инчунин асосҳои институтсионалии он нокифоя тавзеҳ дода шудааст. 2) Дар автореферат баъзе иштибоҳҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди такриз асоснок карда шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба самти илми дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шудааст:*** муқарраротиилмӣ – амалӣ оид ба эҳё намудани фазои мусоид барои субъектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ; рақамикунонии соҳа бо мақсади баланд бардоштани хизматрасонии иҷтимоӣ; рушди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва истифодабарии технологияи муосир; истифодабарии услуби молиякунонии барномавии мақсаднок, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақа мусоидат менамояд;

- ***ақида пешниҳод шудааст:*** ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақаҳо чун шароити мусоид ба тақвияти нерӯи инсонӣ мусоидат менамояд, ки он дар баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа инъикос мешавад;

- ***исбот шудааст***, ки дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯи таъминнокӣ бо муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҷои аввал ВМКБ, дувум НТҶ, севум в. Хатлон, чаҳорум ш. Душанбе қарор доранд. Вилояти Суғд мавқеи панҷумро ишғол мекунад. Исбот карда шудааст, ки дар миқёси вилояти Суғд тибқи меъёри мазкур н.Кӯҳистони Мастчоҳ, н.Айнӣ, н.Шаҳристон, ш.Панҷакент, н.Ашт, н.Деваштич дар сафи пеш қарор доранд, ки рейтинги онҳо тибқи ҳисоби шохиси интегралии муқоисавии рушди инфрасохтори маориф муайян гардидааст;

- ***ворид намудани*** тағйирот ба мундариҷаи предмети таҳқиқ дар асоси гурӯҳбандии консепсияҳои гуногуни илмии инфрасохтори иҷтимоӣ, ки тибқи он "инфрасохтори иҷтимоии минтақа маҷмуи соҳаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳое мебошад, ки ба таъмини такрористеҳсоли захираи меҳнатӣ, солимгардонӣ ва баланд бардоштани савияи илмиву малакаи инсон, беҳтар намудани некӯаҳволии аҳолӣ дар ҳудуди маъмурии шаҳру ноҳияҳои минтақа нигаронида шудааст".

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- ***исбот намудани*** муҳиммияти андешидани чораҳои зарурӣ дар сиёсати иқтисодии минтақа ҷиҳати эҳёи фазои муносиб барои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, ки он аз арзёбии вазъи фазои иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бармеояд. Тибқи он муайян гардидааст, ки дар ҷойи аввал ш. Душанбе, дувум в. Суғд, севум в. Хатлон қарор доранд. Дар байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бошад, ш. Хуҷанд, ш. Истаравшан, н. Ҷ. Расулов, н. Спитамен пешқадам мебошанд. Ба гурӯҳи ақибмонда н. Шаҳристон, н. Кӯҳистони Мастчоҳ, н. Ашт дохил гардидаанд;

- ***истифода бурдани*** усулҳои оморӣ, муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, абстраксияи илмӣ, дедуксия ва индуксия, ҳамзамон усулҳои иқтисодию математикии амсиласозӣ, графикӣ, заминаҳои илмии диалектикӣ, сабабию натиҷавӣ, низомманду маҷмуӣ ва ғайра ба ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда мусоидат карданд,

- ***баён шудани*** аҳаммияти инфрасохтори фарҳангӣ дар ташаккули сармояи инсонӣ асоснок ва муаммоҳо муайян карда шудаанд. Алалхусус: коҳишёбии талабот ба хизматрасониҳои фарҳангӣ, куҳна гаштани махзанҳои китоб, фарсудашавии биноҳо ва хусусигардонии муассисаҳои фарҳангӣ, тиҷоратикунонии хизматрасониҳо, камшавии теъдоди китобхонаҳо дар шаҳру ноҳияҳои минтақа, коҳишёбии теъдоди муассисаҳои фарҳангӣ;

- ***ошкор гардидани*** сабабҳои рушд наёфтани инфрасохтори варзиш, ки дар сатҳи пасти хизматрасонӣ, ғайрикофӣ будани омодасозии мутахассисони соҳаи варзиш; сатҳи пасти музди меҳнат; коҳиши пояи моддию техникии варзишӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ва ғайра инъикос мегарданд;

- ***омӯхта шудааст:*** услубҳои гуногуни методӣ оид ба арзёбии фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ. Услуби интегралии маҷмуӣ, ки аз се гурӯҳ иборат аст, пешниҳод гардидааст. Гурӯҳи аввал, нишондиҳандаҳои фазои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ: МММ ба ҳар сари аҳолӣ, зичии аҳолӣ дар минтақа; таъминокии молиявӣ; даромади аҳолиро дарбар мегирад. Ба гурӯҳи дувум иқтидори муассисаҳои тиббӣ; сармоягузорӣ; ба кор даровардани фондҳои асосӣ дар соҳа дохил мешаванд. Ба гурӯҳи севум фарогирии кӯдакон бо муассисаҳои томактабӣ, умумитаълимӣ; таъминнокӣ бо компютерҳои инфиродӣ, молиякунонӣ, таҷдиди фаъолияти муассисаҳои соҳаи маориф ворид мешаванд;

- ***такмил додани*** стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд тавассути ҷалби сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ ба лоиҳаҳо оид ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ. Мунтазам афзоиш додани музди меҳнати кормандони соҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ тибқи талаботи иқтисодиёти бозор ва истифодаи механизми шарикии давлатию хусусӣ метавонад равандҳои асосии афзалиятноки рушди инфрасохтори иҷтимоӣ гардад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

***ҷорӣ карда шуданд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар раванди таҳия ва амалӣ намудани “Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025” мавриди истифода қарор дода шудаанд (маълумотнома оид ба татбиқ № 129/2 аз 13.10.2023) ва хулосаҳои алоҳидаи диссертатсия дар раванди омӯзиши фанҳои иқтисодиёти минтақа, иқтисодиёти соҳаҳо ва танзими давлатии иқтисодиёт дар мактабҳои олӣ, алалхусус дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (маълумотнома оид ба татбиқ №01/6782 аз 05.12.2023) истифода мешаванд;

- ***таҳия карда шудааст***: амсилаи таъсиррасонии ниҳодҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ба сатҳи рушди иқтисодии минтақа. Исбот гардидааст, ки дар шароити муосир ба рушди минтақа таъсири доминантиро аввалан таъминнокӣ бо ниҳоди таҳсилоти умумӣ, сониян таҳсилоти томактабӣ ва солисан таъминнокӣ бо табибон доро мебошад;
- ***муаррифӣ карда шудааст:*** вазъи таъминоти инфрасохтори тандурустӣ, ки тибқи он дар ҷойи аввал ВМКБ, дувум в. Суғд қарор дорад, зеро шохиси интегралии таъминнокии онҳо аз сатҳи умуми ҷумҳуриявӣ баланд аст. Дар байни шаҳру ноҳияҳои в. Суғд ба гурӯҳи пешбар ш. Хуҷанд, ш. Бӯстон, ш. Гулистон, ш. Истиқлол, ш. Истаравшан дохил гардидаанд. Ноҳияҳои Конибодом, Шаҳристон, Ҷ.Расулов, Зафаробод, Айнӣ дар гурӯҳи хуб қарор доранд. Ноҳияҳои Ашт, Б. Ғафуров, Спитамен ба гурӯҳи суст таъмингашта ворид карда шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- ***назария*** дар асоси муқаррароти илмии назарияи иқтисодиёти минтақа, сармояи инсонӣ ва ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолӣ пешниҳод гардида, тавассути истифодаи услуби интегралӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳияи амсилаи иқтисодию математикӣ дар диссертатсия тасдиқ мешавад;

- ***ғояи*** тадқиқот ба нуктаҳои Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025, стратегия ва консепсияҳои рушди соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омори расмӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ***асос меёбад;***

- ***муайян шудааст,*** ки рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар таъмини рушди босуботи иқтисодиёти минтақа чунин инъикос меёбад: аз ҷиҳати иқтисодӣ: дар баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат; иҷтимоӣ: сатҳи зиндагии мардум беҳтар мегардад; сиёсӣ: ҷаҳонбинии мардум устувор гардида, дар ҷомеа пояҳои давлатдорӣ ва сиёсии қавӣ таъмин мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- иштироки бевоситаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳияи нақшаи диссертатсия, иҷроиши он, коркард ва татбиқи баъзе аз нуктаҳои асосии диссертатсия дар амал, нашри мақола, баромад ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, донишкадавӣ ва семинарҳои илмӣ-назариявӣ;

- аз рӯи мавзуи кори диссертатсионӣ интишори 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар маҷлис аз 21 сентябри соли 2024 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Якубова Эхтибор Негматуллоевнаро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар иштирокдорон дар маҷлис, ки аъзои шуро буданд, овоз доданд: тарафдор - 9 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои
диссертатсионии 6D.КОА-013,
д.и.и., дотсент — Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, д.и.и., профессор — Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич

21 сентябри соли 2024